Ба Шурои дисертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАКРИЗ

ба автореферати дисертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзӯи "Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд" аз рӯи ихтисоӣ 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти мазкур ба ҳалли масъалаҳои муҳими амалии рушди низоми маблағгузории хурд тавассути такмили механизмҳои идоракунии хавфҳо бахшида шудааст. Муаллиф бо дарки чуқури масъала, роҳҳои паст кардани сатҳи қарзҳои муҳлати гузашта ва беҳтар намудани сифати портфели қарзиро таҳлил намудааст.

- Дар самти назариявӣ: Муаллиф асосҳои илмии пайдоиши хавфҳоро дар соҳаи маблағгузории хурд омӯхта, муносибатҳои назариявии олимони ватанӣ ва хориҷиро муқоиса кардааст.
- Дар самти таҳлилӣ: Бо истифода аз маълумоти омории солҳои 2016–2024 динамикаи тағйирёбии дороиҳо, ҳаҷми қарзҳои додашуда ва манбаъҳои маблағгузории ТМХ таҳқиқ шудаанд. Муаллиф омилҳои таъсиррасонанда ба устувории молиявиро бо истифода аз усулҳои оморӣ ҳисоб кардааст.
- Дар самти тавсияҳо: Пешниҳоди истифодаи суғуртаи муҷтамаи хавфҳои бонкӣ (BBB) ва васеъ намудани доираи ҳамкорӣ бо ширкатҳои суғуртавӣ яке аз дастовардҳои амалии кор ба шумор меравад.

Пешниҳоду тавсияҳои дар автореферат таҳияшуда метавонанд, бевосита дар фаъолияти ҳаррӯзаи ташкилотҳои маблағгузории хурд, инчунин аз ҷониби танзимгари соҳа -Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи дастурҳои методӣ оид ба идоракунии хавфҳо васеъ истифода шаванд. Махсусан, тавсияҳо оид ба пешгирии хавфҳои амалиётӣ дар шароити рақамисозӣ арзиши баланд доранд.

Ҳарчанд кор дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст, аммо баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1.Масъалаи диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории ТМХ ва вобастагии онҳо аз маблағҳои қарзии хориҷӣ ё пасандозҳои аҳолӣ дар шароити хавфи ликвидӣ метавонист боз ҳам муфассалтар таҳлил шавад;

2. Таъсири тағйирёбии меъёри бозории фоизҳо ва сиёсати пулӣ-қарзӣ ба устувории молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонист бо нишондиҳандаҳои мушаххаси эконометрикӣ асоснок карда шавад.

Автореферати Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзӯи “Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси **5.2.17** – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад.

Кор дорои арзиши баланди илмию методӣ ва амалӣ буда, ба тамоми талаботи меъёрии арзёбии корҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Муаллиф сазовори баҳои мусбат ва пешбарӣ ба ҳимоя аст.

Омӯзиши автореферат тасдиқ мекунад, ки автореферати диссертатсия дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» кори илмии мукаммал ва пурра буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисос пурра ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Исоев Аслиддин Шамсудинович арзанда мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва
суғуртаи ДДТТ Сафарова М.Б.

Имзои н.и.и., дотсент Сафарова М.Б.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2
Тел: (+992) 918695093, **E-mail:** safarova-muborak@mail.ru